*УДК 378*
*DOI:10.51844-2077-4990-2022-1-158-164*

**_ТАШКИЛИ КОРҲОИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ДАРСҲОИ МАТЕМАТИКА ДАР МАКТАБҲОИ ОЛӢ_**

***Шарипова Фотима Абдуфаттоевна,*** *ассистенти кафедраи Методикаи таълими математика ва технологияи информатсионии МДТ "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

**_ОРГАНИЗАЦИЯ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ СТУДЕНТОВ ВЫСШИХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЙ НА УРОКАХ МАТЕМАТИКИ_**

***Шарипова Фотима Абдуфаттоевна***, *ассистент кафедры методики преподавания математики и информационной технологии ГОУ "ХГУ имени акад. Б. Гафурова" (Таджикистан, Худжанд)*

**_ORGANIZATION OF SELF-SUFFICIENT WORK OF STUDENTS OF HIGHER EDUCATIONAL ESTABLISHMENT AT MATHEMATICS LESSONS_**

***Sharipova Fotima Abdufattoevna,*** *senior lecturer of the department of teaching methods mathematics and informational technologies under the SEI "KhSU named after acad. B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand)*
***E-mail:*** *uchzaphgu@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ****: кори мустақилона, низоми кредити таълим, методикаи таълим, донишҷӯ, мактабҳои олӣ, такмили ихтисос, худомӯзӣ, корҳои беруназсинфӣ, самаранокии кори мустақилона*

*Дар мақола моҳияти корҳои мустақилонаи донишҷӯён ҳамчун шарти такмили ихтисоси онҳо ва дарёфти маълумотҳои нав оид ба мавзӯъҳои таълимӣ баррасӣ шудааст. Қайд карда мешавад, ки гузариш аз низоми анъанавӣ ба низоми кредитии таҳсил яке аз масъалаҳои мубрами таълим мебошад. Тазаккур шудааст, ки донишҷӯ дар низоми кредитӣ ҳамчун "объект" – и асосӣ фаъолият мекунад. Мувофиқи низомномаи низоми кредитии таҳсил ҳаҷми машғулиятҳои аудиторӣ паст шуда, кори мустақилонаи донишҷӯ меафзояд. Дар ин замина дуруст ба роҳ мондан ва ташкили корҳои мустақилонаи донишҷӯён яке самтҳои асосии таълим лдар муассисаҳои олӣ мебошад, яъне кори мустақилона воситаи ташкил ва идоракунии мустақилияти фаъолияти донишҷӯён дар раванди таълим мебошад.*

***Ключевые слова:*** *самостоятельная работа, кредитная система обучения, методика преподавания, студент, вуз, самосовершенствование, самообразование, внеаудиторные занятия, эффективность самостоятельной работы*

*В статье раскрывается сущность самостоятельной работы студентов как условие повышения их квалификации. Указывается актуальность вопросов перехода от традиционной к кредитной системе обучения, где студент выступает в качестве основного «объекта». Отмечается, что в соответствии с регламентом кредитной системы обучения сокращается объем аудиторных занятий и увеличивается доля самостоятельной работы студента. Подчеркивается, что в данном контексте правильное ведение и организация самостоятельной работы студентов является одним из основных направлений обучения в высшей школе, то есть самостоятельная работа является средством организации и управления самостоятельностью студентов в учебном процессе.*

***Key words****: self-sufficient work, credit system of education, teaching methods, student, university, self-improvement, self-education, extracurricular activities, effectiveness of self-sufficient work*

*The article under consideration dwells on the essence of self-sufficient work of students as a condition aimed at improvement of their skills and information about students` self-sufficient work. The transition from the traditional to the credit system of education is urgent. The student acts as the main "object" in the credit system. In accordance with the regulations of the credit system of education, volume of audit classes is reduced and students` self-sufficient work is increased. In this context, the proper conduct and organization of students` self-sufficient work is considered to be one of the main streamlines of tuition at higher education, namely self-sufficient work is a means of organizing and managing students` independence in the educational process.*

Дастрасии таҷриба яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои пешрафти ҷомеа буда, дар он се лаҳзаҳои асосиро ҷудо кардан мумкин аст:

1. Нигоҳ доштани дониш, маҳорат ва малакаи ба дастоварда барои насли оянда.
2. Дастрас намудани ин донишу малака ва маҳорат ба насли оянда.

3. Аз тарафи таълимгирандагон аз худ кардани ин дониш, малака ва маҳорат.

Ҳар яке аз лаҳзаҳои номбаршуда бо ташаккулёбии маданияти иттилоотии омӯзгорони фанҳои гуманитарӣ ва дақиқ алоқаманд буда, барои тадқиқоти мазкур аҳамияти калон дорад. Таҷрибаи мукаммалшуда аз насл ба насл гузаронида мешуд. Вобаста ба моҳияти худ муаммохои таълим ва назорати дониш ҳанӯз аз давраҳои қадим ақли инсонро фаро гирифтааст. Масалан, дар Мисри қадим додани унвони коҳин баъди санҷишхои тӯлонӣ ва бисёрзинаи довталабон ҷараён мегирифт.

Дар Юнони қадим Пифагор мактабе таъсис дода буд, ки шомил гардидан ба ин мактаб танхо ба хонандае муяссар мегардид, ки як силсила санҷиши душворро паси сар намояд. Ҳамзамон барои муайян намудани беҳтаринҳо воситаи барои он давра анъанавӣ - олимпиадахо истифода мешуд. Олими Юнони кадим Суқрот дар сӯҳбатҳо бо шогирдони худ шакли саволу ҷавобро истифода мебурд. Усули таълими ӯ дар оянда номи «суқротӣ» ё «Сӯҳбати суқротӣ»-ро гирифта, то имрӯз дар амал истифода мешавад. Суқрот таълимро бо санҷиши азхудкунии маводи омӯхта якҷоя намудааст. Услубҳои истифода бурдаи ӯ ба истифодаи компютер дар таълими имрӯза монанд аст [8, с.44].

Дар замони муосир бошад, таълим дар донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми кредитӣ нигаронида шудааст. Ин низом омӯзиш 3 марҳилаи кадриро дар бар мегирад: бакалавр, магистр, докторант.

Дар айни замон, махсусан гузариш аз низоми анъанавии таълим ба низоми кредитии таҳсил мубрам мегардад.

Маълум аст, ки ҳангоми гузариш ба низоми кредитии таҳсилот ҳаҷми машғулиятҳои аудиторӣ кам шуда кори мустақилонаи донишҷӯ бевосита меафзояд. Дар ин маврид фаъолсозии кори мустақилона донишҷӯен барои васеъ ва мустаҳкам намудани маводи таълим мусоидат мекунад.

Барои таъмини самаранокӣ ва сифати таълим дар низоми кредитӣ зарур аст, ки таҳияи барномаҳо, нақшаҳо, дастурамалҳо, принсипҳои интихоби мазмуни курсҳои омӯзишӣ, принсипҳо ва усулҳои таълим, ташкили раванди таълим, корҳои мустақилонаи донишҷӯен ба роҳ монда шавад. Ҳангоми гузариш ба низоми кредитии таҳсилот, пеш ҳама азхудкунии дониш дар корҳои мустақилонаи донишҷӯён дар машғулиятҳо бо роҳбарии омӯзгор ҳатман дар зери назорат аст. Омӯзгор дар шароити низоми кредитӣ ташкилкунандаи мустақилияти маърифати фаъолияти донишҷӯен аст.

Корҳои мустақилонаи донишҷӯён ин яке аз василаҳои баланд бардоштани сифати таълим ва тайер намудани мутахассисони оянда мебошанд. Мувофиқи оинномаи низоми кредитии таълим аз се ду ҳиссаи қисми умумии маводи омӯхташавандаро донишҷӯ мустақилона аз худ мекунад. Дар робита ба ин дар шароити ҷорӣ намудани низоми кредитии таҳсил дуруст ба роҳ мондан ва самаранок ташкил намудани корҳои мустақилонаи донишҷӯён муҳим мебошад.

Кори мустақилона дар мактабҳои олӣ воситаи ташкил ва идоракунии мустақилият ва фаъолияти донишҷӯен дар раванди таълим мебошад.

Таҳлилҳои равониву омӯзишӣ нишон медиҳанд, ки гуногунии муносибатҳо ва муайян намудани мафҳуми "кори мустақилонаи донишҷӯен" ҳамчун шакли таълимию илмии маърифатӣ, усули тафаккури эҷодӣ ва воситаи таълим мебошад.

Барои самаранок ташкил намудани корҳои мустақилонаи донишҷӯён ба омӯзгорони мактаби олӣ зарур аст, ки принсипҳои ташкили онҳоро донанд ва онро оқилона истифода баранд [6]. Дар ин маврид ташкили ба монандӣ бозиҳо, мусоҳибаҳо, мусобиқаҳо, муаррифиҳо, ҳалли масъалаҳо ва ғайраҳо диққати ҷиддӣ додан зарур аст.

Дар раванди таълим ба донишҷӯен зарур аст, ки намудҳои гуногуни корҳои мустақилонаи таълимӣ ва фаъолияти эҷодӣ барои худтатбиқнамоии онҳо истифода баранд.

Корҳои мустақилона дар раванди фаъолияти донишҷӯ се сатҳро дар бар мегирад :

1) азхудкунӣ ва такрори маводи омӯзишӣ;

2) азхудкунии маводи таълимӣ бо такя ба таҷрибаи худ;

3) донишҷӯ бояд мустақилона воситаҳо ва усулҳоро интихоб намояд.

Барои дуруст ва самаранок ташкил намудани корҳои мустақилона шартҳои зерин аҳамияти калон дорад:

- ✓ тайёрии омӯзгорон дар низоми кредитии таҳсилот;
- ✓ таъмини донишҷӯён ба маводи зарурӣ дар намуди чопӣ ва электронӣ;

- ✓ интихоби шакли корҳои мустақилона вобаста ба мақсад ва вазифаҳои интизоми таълим;
- ✓ бояд ҳама супоришҳо барои ҳама донишҷӯён фаҳмо ва аниқ ва намунаи ҳалли онҳо барои ҳама дастрас бошанд;
- ✓ бояд корҳои мустақилона бо назардошти фардикунонии супоришҳо, инчунин сатҳи омодагии ӯ ба инобат гирифта шавад;
- ✓ фановариҳои навоварона;
- ✓ истифодаи шаклҳои гуногуни ташкили корҳои мустақилона имкон медиҳад, ки бештар самаранок ҳавасмандгардонии донишҷӯён шаванд;
- ✓ бояд супоришҳои корҳои мустақилона дар оғози соли хониш (семестр) супорида шавад;
- ✓ таҳия ва шаклҳои назоратҳои ҷорӣ;
- ✓ танзими вақти машваратҳо оид ба корҳои мустақилона.

Дар раванди таълимии муассисаи олӣ ду намуди кори мустақилона дида мешавад:

1. синфӣ
2. беруназсинфӣ.

Банақшагирии миқдори вақти кори мустақилонаи беруназсинфӣ дар фанни таълимии ҷудошуда ба зиммаи муаллим вогузор мешавад.. Вазифаи муаллим аз он иборат аст, ки донишҷӯён мустақилона омӯзишро тавассути ҷустуҷӯи дониш ва иттилоот мустақилона аз маъхазҳои гуногуни иттилоотӣ омӯзанд.

Мустақилият- ин як падидаи бисёрҷабҳавӣ ва аз нигоҳи равонӣ одӣ нест. Чӣ хеле, ки К Д. Ушинский мегуяд танҳо кори мустақилона барои чуқур азхуд кардани дониш шароит фароҳам меорад [4,с.72]. Вазифаҳои ҳар як кори мустақилона ин мусоидат намудан ба азхудкунии оптималии маводи таълим, рушди қобилиятҳои зеҳнӣ, азхудкунии усулҳои маърифат ва ташаккули ниёз ба худомӯзӣ мебошад.

Дар адабиёти дидактикӣ тафсири гуногуни мафҳуми фаъолияти мустақилона мавҷуд аст: усули муоширaт, усули кори тарбиявӣ, шакли ташкили фаъолият (таълимӣ, маърифатӣ). Аломатҳои асосии фаъолияти мустақилона - татбиқи он бидуни иштироки мустақими муаллим, аммо бо супориши ӯ, тавассути зуҳури ҳадди аксар худфаъолият, эҷодкорӣ, ташаббускорӣ мебошад.

Ҷузъҳои алоҳидаи сохтории фаъолияти мустақилона инҳоянд:

1. Пурмазмунӣ – ин тақсими вазифаи маърифатӣ, ҳадафи фаъолияти таълимӣ.
2. Муҳокимавӣ - интихоб, муайян, истифодаи усулҳои мувофиқ ва амалҳое, ки боиси ба даст овардани натиҷаҳо мегарданд.
3. Ҳавасмандкунандагӣ: ниёз ба дониши нав, ки вазифаҳои худомӯзӣ ва огоҳӣ аз фаъолиятро иҷро мекунад

Таҳлили ҷузъҳои фаъолияти мустақилонаи шахс тақсим намудани унсури ягона – зеҳнияти мустақилро талаб мекунад (амали маърифатӣ).

Ҳавасмандкунӣ ин як мафҳуми алоҳида аст; он бо фаъолияти мустақилона ҳамроҳӣ мекунад. Ҳавасмандӣ ин ниёз ба дониши нав, амалигардонии дониши мавҷуда, табдилдиҳӣ, аз нав гурӯҳбандии донишомӯзон - коркарди иттилоотӣ бе алгоритм ё стандарти додашуда мебошад.

Натиҷаи ниҳоии зуҳури мустақилият дар раванди таълим дараҷаи огоҳии донишҷӯ аз аҳамияти таълим, қобилияти омӯзиш, ташаккули услуби инфиродии фаъолияти зеҳнӣ мебошад.

Нақши муаллим дар фаъолияти мустақилонаи донишҷӯ аз кӯмак расонидан ба донишҷӯён дар иҷрои супоришҳо иборат аст.

Аз ҷиҳати омӯзишӣ асосёфта чунин кӯмакеро дар назар дорад, ки ҳадди ақали он ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки дар иҷрои супориш бомуваффақият пеш равад. Ин кӯмак бевосита бо фароҳам овардани вазъи муваффақият дар раванди фаъолияти мустақил алоқаманд буда, вазифаҳои ҳавасмандгардонӣ, таълимӣ ва танзимро иҷро мекунад.

Ҳангоми ташкили фаъолияти мустақилона истифода бурдани гурӯҳи зерини техникӣ тавсия дода мешавад:

1. Ҳавасмандӣ (гузоштани ҳадафи машғулиятҳои омӯзишӣ, нишон додани аҳамияти амалии фаъолияти таълимӣ ва натиҷаҳои он).
2. Таълимӣ (кӯмаки иттилоотӣ) - ёдраскунӣ, конкретсозӣ, таҳияи саволҳои роҳбарикунанда.

Агар мо ин усулҳоро моҳирона омезиш кунем, мо метавонем азхудкунии маводро бо сифати баланд таъмин намуда, қудрати иродавиро тақвият медиҳем. Донишҷӯ бояд ба манбаъҳои баландсифати маълумоти таълимӣ дастрасӣ дошта бошад, дар бораи усулҳои оқилонаи таълим

дониш дошта бошад, усулҳо ва воситаҳои худтанзимкуниро донад ва ба кор барад, инчунин хоҳиши азхуд кардани маводи таълимии мувофиқро дар ҳаҷми муайян ва вақти муайян дошта бошад. Барои муваффақ шудан ба ин шартҳо бояд амалҳои зеринро иҷро намоем:

1. Шавқи донишҷӯёнро ба омӯзиши ин ё он мавзӯъ бедор намоем, нақш ва аҳамияти маводи мушаххаси таълимиро барои тахассуси касбии ӯ ошкор кунед.

2. Ҳама маводи таълимро барои машғулиятҳои синфӣ ва беруназсинфӣ интихоб намуда, чораҳои назоратӣ ва ислоҳиро омода кунем.

Ба ташкили фаъолияти мустақилонаи донишҷӯёни курси якум бояд диққати махсус дода шавад. Кори мустақилонаи таълимӣ маҳорати муҳим дар фаъолияти ҳар як мутахассис мебошад, аз ин рӯ, таълими фаъолияти мустақилона яке аз роҳҳои ташаккул додани малакаҳои касбӣ мебошад.

Кори мустақилонае, ки донишҷӯён иҷро мекунад, ба рушду такомули маҳорат ва малакаҳое мусоидат мекунад, ки барои онҳо дар фаъолияти амалии онҳо муфид хоҳад буд:

1. Қобилияти таҳлили мавод, ташкили он дар шакли ҷадвалҳо, хондани онҳо.

2. Қобилияти кор бо якчанд маъхаз, қобилияти интихоби мавод,ба низом даровардани он, таҳияи рефератҳо ва корҳои курсӣ.

3. Қобилияти расонидани ҳисобот ва паёмҳо.

Дар навбати худ корҳои мустақилона чунин функсияҳоро ташаккул медиҳад:

1. қобилиятҳои маърифатиро инкишоф медиҳад;

2. тафаккури эҷодиро бармеангезад;

2. маданияти кори фикриро баланд мебардорад;

3. таваҷҷӯҳро ба кор меафзояд;

4. истифодаи самаранокии вақт;

4. дониши бадастовардаро пурмазмун, амиқтар мекунад;

5. мустақилияти маърифатӣ, фаъолияти эҷодиро ташаккул медиҳад.

Дар дарсҳои аввал ба мо лозим аст, ки донишҷӯёнро бо қоидаҳои лексияҳо ва дарсҳои амалӣ шинос намоем. Фаъолияти мустақилонаи синфӣ ва беруназсинфии онҳо аз ҳаҷми дониши додашуда, мавзӯъҳои кори амалӣ, талаботи қабули иборат мебошад. Шарти муҳимтарини самаранокии фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён аз чунин омилҳо иборат мебошад:

1. Дар онҳо таълим додани малакаҳои фарҳанги меҳнати фикрӣ;
2. Ба онҳо омӯзонидани усулҳои банақшагирӣ ва худидоракунӣ;
3. Ҳалли машқҳо ва масъалаҳо.
4. Иҷрои корҳои ҳисоббарорӣ ва графикӣ.
5. Тайёр кардани рефератҳо, маърӯзаҳо.
6. Омодагӣ ба машғулиятҳои амалӣ.
7. Омодасозии ҷавобҳо ба саволҳои додашуда.
8. Пур кардани ҷадвалҳои хосиятҳои объектҳои таҳқиқшаванда.
9. Кори мустақилона бо супоришҳои тестӣ.
10. Тартиб додани кроссвордҳо дар мавзӯи мавриди омӯзиш.
11. Корҳои эҷодӣ.
12. Тайёр кардани корҳои курсӣ ва тезисҳо.
13. Сохтани асбобҳои аёнӣ, макетҳо.
14. Ҷустуҷӯи намунаҳои амалии муносибатҳо, равандҳо, падидаҳои омӯхташуда.

Ҳангоми ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён дар синфхонаҳо мо метавонем вариантҳои ҷолибтарини усули таълимро дар ҳамкорӣ истифода барем

1. Омӯзиш дар даста.

Таваҷҷӯҳи махсус ба ҳадафҳои гурӯҳӣ ва муваффақияти тамоми гурӯҳ дода мешавад, ки онро танҳо дар натиҷаи кори мустақилонаи ҳар як аъзои даста ҳангоми ҳамкории доимӣ бо дигар аъзои як гурӯҳ ба даст овардан мумкин аст. Вазифаи ҳар як донишҷӯ на танҳо якҷоя кор кардан, балки якҷоя омӯхтани чизе мебошад, то ҳар як аъзои гурӯҳ дониши зарурӣ ба даст орад, малакаҳои заруриро инкишоф диҳад.

Тамоми гурӯҳ ба азхудкунии иттилооти таълимӣ аз ҷониби ҳар як аъзои он манфиатдор аст, зеро муваффақияти даста аз саҳми ҳар як шахс ва инчунин ҳалли якҷояи мушкилоти дар назди гурӯҳ гузошташуда вобаста аст. Масъулияти инфиродии ҳар як донишҷӯ маънои онро дорад, ки муваффақият ё нокомии тамоми гурӯҳ аз муваффақият ва нокомии ҳар як аъзои он вобаста

аст. Ин ҳама аъзои дастаро ба он равона мекунад, ки фаъолиятҳои якдигар ва тамоми гурӯҳро барои азхудкунӣ ва фаҳмидани мавод кӯмак кунанд, то ки ҳама худро барои ҳама гуна санҷишҳо, санҷиши назоратӣ, ки аз ҷониби муаллим ба ҳар як донишҷӯ дода мешавад, тайёр намоянд. Тамоми фаъолияти гурӯҳро омӯзгор назорат мекунад.

2. Омӯзиши якҷоя.

Донишҷӯён ба гурӯҳҳои гетерогенӣ (мувофиқи сатҳи дониш) иборат аз 5 нафар тақсим карда мешаванд. Ҳар як гурӯҳ як супориш мегирад, ки ин як зервазифаи ягон мавзӯи калонест, ки ҳама дар болои он кор мекунанд. Дар натиҷаи кори якҷояи гурӯҳҳои алоҳида ва тамоми гурӯҳҳо дар маҷмӯъ азхудкунии тамоми мавод ба даст оварда мешавад. Дар дохили гурӯҳ, донишҷӯён нақши ҳар яки онҳоро дар иҷрои вазифаи умумӣ мустақилона муайян мекунанд: пайгирии дурустии супоришҳои аз ҷониби шарикон, назорат аз болои фаъолияти ҳар як аъзои гурӯҳ дар ҳалли вазифаи умумӣ, инчунин фарҳанги муошират дар дохили гурӯҳ.

Ҳамин тариқ, аз ибтидо дар назди гурӯҳ як навъ вазифаи дукарата гузошта шудааст: аз як тараф, академӣ - ноил шудан ба ягон ҳадафи маърифатӣ ва эҷодӣ ва аз тарафи дигар, ҷомеавӣ кадоме дар ҷараёни иҷрои мисолу масъалаҳо муайян мешавад

3. Кори илмии донишҷӯён дар гурӯҳҳо.

Донишҷӯён ё инфиродӣ ё дар гурӯҳҳои иборат аз 6 нафар кор мекунанд. Онҳо як зермазмуни мавзӯи умумиро барои омӯхтан интихоб мекунанд. Сипас, дар гурӯҳҳои хурд ба вазифаҳои инфиродӣ барои ҳар як донишҷӯ алоҳида тақсим карда мешавад. Бо ин роҳ, ҳама бояд дар иҷрои вазифаи умумӣ саҳм бигиранд. Муҳокимаҳо ва муҳокимарониҳои гурӯҳӣ имкон медиҳанд, ки бо кори ҳар як донишҷӯ шинос шаванд.

Дар монографияи П.И. Пидкасистий "Фаъолияти мустақилонаи маърифатии хонандагон дар омӯзиш" панҷ сатҳи кори мустақилонаи донишҷӯён муайян карда шудааст. Таносуби равандҳои репродуктивӣ ва эҷодӣ дар фаъолияти донишҷӯён барои ҳар як сатҳ асос гирифта мешавад.

Ба донишҷӯ имкон дода мешавад, ки дар сатҳи ҳозира барои ӯ мақбул кор кунад. Ба ибораи дигар, барои ҳавасмандии мусбати раванди таълим ва рушди қобилиятҳо шароит фароҳам оварда шудааст.

Ҳар кадоме аз сатҳҳо бояд то ҳадди имкон маҷмӯи вазифаҳои мустақилонаи шаклҳои мухталифро таъмин мекунанд. Ин якрангиро дар кор пешгирӣ карда, кори донишҷӯёнро асил месозад.

Сатҳи якуми кори мустақилона таҷдиди лафзӣ ва трансформативии иттилоот мебошад.

Сатҳи дуюм кори мустақилона тибқи модел мебошад. Ин тартиб додани саволҳо ба матни лексияҳо аз рӯи намунаҳои пешниҳодшуда мебошад. Намунаҳои саволҳо, ки хосият ва шаклашон гуногунанд, тафаккури донишҷӯёнро ба ҷустуҷӯи посуххо равона мекунанд ва сипас мустақилона саволҳо тартиб медиҳанд. Шакли дигари супоришҳои мустақилона дар ин сатҳ аз омода намудани супоришҳои тестӣ тибқи қоидаҳои пешниҳодшуда мебошад.

Сатҳи сеюм корҳои барқарорсозӣ - табдил додани иттилооти матнӣ ба графикҳои сохторӣ - мантиқӣ, тартиб додани кроссвордҳо, мусоҳибаҳо, саволномаҳо ва ғайраҳо мебошад.

Сатҳи чорум корҳои мустақилонаи эвристикӣ. Чунин супоришҳо ба ҳалли вазъияти мушкилии эҷодкардаи муаллим равона карда шудаанд.

Сатҳи панҷум - кори мустақилонаи эҷодӣ (таҳқиқотӣ): навиштани корҳои курсӣ ва рефератҳо бо дохил намудани шаклҳои супоришҳои сатҳҳои дуюм, сеюм ва чорум.

Санҷишҳои тестӣ имкон медиҳад, ки вақти дарсро сарфакорона истифода барем, миқдори зиёди мавзӯъҳоро дар бар гирем ва санҷишии дониши донишчуёни гурӯҳро дар вақташ таъмин намуда, байни донишчуён басомонӣ, ботартибӣ ва ҳавасмандгардониро таъмин намоем. Дар низоми кредитӣ омӯзгор хеле масъулиятнок мегардад ва фаъолияташ бештар мешавад. Бо истифодаи технологияи иттилоотӣ назорати дониши донишҷӯён хеле осон мешавад. Албатта, ҳар як низом ҷиҳати мусбат ва манфии худро дорад. Фикр мекунем, ки дар баҳодиҳӣ ба дараҷаи дониши донишҷӯён истифода аз технологияҳои иттилоотӣ манфиати бештар дорад. Дар таълими фанни математика ва қисмҳои он, ки мо бевосита ба ин кор машғул мебошем, матни мисолу масъалаҳои тестӣ аз рӯи меҳнатталабии он бо холхои хархела баҳогузорӣ карда мешавад. Ҳар як донишҷӯ дар вақти ҳалли ин ё он масъала огоҳ аст, ки ба чанд хол мушарраф мегардад. Дар як вакт аз 2 то 5 мисолу масъалаҳои алтернативӣ пешниход мешавад, ки ҳалли онхоро донишҷӯён бевосита нишон медиҳанд ва чавобашро баъд муайян мекунанд.

Бартарии назорати тестии дониши донишҷӯёнро дар он мебинем, ки диапазони баҳоҳо васеъ мебошад. Дар низоми пешина, ки донишчуён баҳои анъанавии 2,3,4 ва 5 мегирифтанд ба донишҷӯе, ки донишаш наздик ба баҳои се буд, баҳои 3 мегузоштем, яъне «қаноатбахш» меҳисобидем. Аз хамин сабаб дониши донишҷӯёнро баҳои гузошташуда пурра инъикос карда наметавонист. Ҳоло бошад холҳои дар низоми кредитӣ гирифта, дониши донишчуёнро бояду шояд инъикос менамояд.

Дар раванди тайёр намудани мавод вариантҳои пайдарпай ва унсурҳои сохтор ва интихоби онҳо гуногун буда метавонад. Дар ин ҷо ба маҳорати методии омӯзгор, эҷодиёт ва нерӯи кории вай эътибор дода мешавад. Қисмҳои накшаҳои дарс метавонад гуногуншакл бошад. Бисёршаклии дарс рафтори фардӣ бо донишҷӯёнро таъмин менамояд.

Ҳангоми ҳалли масъалаҳои тайёрии касбӣ бояд дар хотир дошт, ки он бояд роҳи баланд бардоштани сатҳи умумии рушд ва ҳавасмандии шавқи хонандагонро ба таҳсил пеш мегирад. Вазифаҳои гузошташуда муносибати нав ва ҳалли нави методиро талаб мекунанд, ки методикаи таълимро такмил медиҳанд.

Яке аз ин пешниҳодҳо ворид кардани ба истилоҳ дафтарҳои корӣ ба раванди таълим мебошад, ки бешубҳа самарабахшии таълимро баланд бардошта, дар ҳалли масъалаҳои рушд саҳм мегиранд.

Сохтори маводи дарсӣ метавонанд гуногун бошанд, ки ин дар навбати худ ба омилҳои зерин вобаста мебошанд:

1.Мазмуни мавзӯи омӯхташаванда, мураккабии он

2.Моҳияти идоракунии фаъолияти маърифатии донишҷӯён

3. Сатҳи ибтидоии омодагии шунавандагон

4. Хусусиятҳои синнусолии донишҷӯён

5. Шароити таълим

6. Эҷодкории муаллим

Вариантҳои маводи дарсӣ метавонад 4 қимсро дар бар гирад: се асосӣ (ҳатмӣ) ва як ихтиёрӣ.

Қисми аввал.

Навсозии дониши асосӣ.

Он саволҳо ва вазифаҳоеро дар бар мегирад, ки ба мо имконият медиҳанд, ки дониши қаблан бадастовардаро барои дарк, фаҳмиш ва беҳтар азёд кардани чизҳои нав дар хотир барқарор кунем.

Мавод. Ин қисми супоришҳо ба мо имкон медиҳад, ки диққати донишҷӯёнро ба масъалаи таҳқиқшуда равона карда, таваҷҷӯҳи онҳоро ба мавзӯи таҳқиқшаванда зиёд намоем.

Қисми дуюм.

Ин консепсияи сохторӣ мебошад, ки мундариҷаи маводи омӯхташавандаро инъикос мекунад. Сохторӣ тавзеҳотӣ як навъ қолаби шабеҳ барои лексия мебошад, ки дар он расмҳо, диаграммаҳо, ҷадвалҳо мавҷуданд, ки дар раванди лексия пур карда мешаванд. Ҳама ашёи кашидашуда қисми матнро ё мушаххас ифода мекунад, яъне барои ошкор кардани маънои он чизе, ки навишта шудааст, мусоидат мекунанд.

Истифодаи чунин модел на танҳо вақти таълимро сарфа мекунад, балки беихтиёр малакаҳои қайдкуниро ба воя мерасонад. Ин ба мо имкон медиҳад, ки ба масъалаҳои асосии мавзӯъ диққат дода, инчунин дақиқӣ ва сифатҳои эстетикиро тарбия намоем.

Қисми сеюм. Худидоракунӣ.

Низоми вазифаҳои дидактикиро таъмин менамояд, ки худомӯзии донишҷӯёнро фаъол мекунад. Ба монанди:

1. Баланд бардоштани малакаҳои мустақилона кор кардани мундариҷаи мавзӯи омӯхташаванда;

2. Рушди тафаккур;

3. Тарбияи шавқмандӣ ва масъулият ба иҷрои вазифаи хонагӣ;

4. Таҳлил ва бо мақсад истифодабарии супоришҳо барои ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён мусоидат мекунад.

Ҳангоми интихоби саволҳо ва вазифаҳо муносибати дифференсиалӣ татбиқ карда мешавад: дараҷаи мураккабии вазифаҳо аз саволҳои назоратӣ, ки таҷдиди оддии маълумоти маълумро талаб мекунанд, то вазифаҳое, ки барқарор намудани робитаҳои байнисоҳавиро талаб

мекунанд ё супоришҳое, ки қобилияти муқоиса, тасниф, таҳлил ва ҷамъбастро талаб мекунанд, зиёд мешавад. Бояд қайд кард, ки ҳамаи супоришҳо бо ибораҳои зерин сар мешаванд:

1. Сохтори схемавиро кашед ...
2. Нишонаҳои мувофиқро гузоред....
3. Диаграммаҳоро кашед ....
4. Унсурҳои асосии қайд намоед....
5. Хусусиятҳои фарққунандаро қайд кунед ....

Қисми чорум.

Рӯйхати мавзӯъҳои реферат ва корҳои курсиро барои бахши омӯхташудаи фан ва адабиёти тавсияшаванда дар бар гирифта мешавад. Маълумоте, ки дар ин қисм пешниҳод шудааст, метавонад донишҷӯёнро ба шавқ оварад ва барои рушди минбаъдаи фаъолияти маърифатӣ ҳавасманд гардонад.

Маводи дарсӣ ёварест, ки ба донишҷӯ барои пешрафт роҳнамоӣ мекунад. Вай раванди омӯзиш, тафаккурро барои аз худ кардани низоми дониши дар барномаи таълимӣ пешбинишуда кӯмак мекунад.

Ҳамин тариқ, корҳоии мустақилона шарти асосии ба даст овардани маълумоти касбӣ аз ҷониби донишҷӯён ва инчунин заминаи такмили минбаъдаи тахассуси онҳо мебошад.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Гарунов, М.Г. Совершенствование внеаудиторной самостоятельной работы студентов – важное условие эффективной подготовки специалистов. – Тюмень, 1981. – 53 с.
2. Есипов, Б.П. Самостоятельная работа учащихся на уроках. – М.: Учпедгиз, 1961. – 239 с.
3. Комарова Т.С. Методика обучения. - Москва.: Просвещение, 2014. 160 с.
4. Кулагина И.Ю. Возрастная психология. М., 2012. 192 с.
5. Лихачев Б.Т. Педагогика. Курс лекций: Учебное пособие для студентов педагогических учебных заведений и слушателей ИПК и ФПК. М.: Прометей, Юрайт, 2013. 206 с
6. Лихачев Б.Т. Педагогика. Курс лекций: Учебное пособие для студентов педагогических учебных заведений и слушателей ИПК и ФПК. М.: Прометей, Юрайт, 2013. 206 с
7. Нурманбетова, Д.Н., Нефедова Л.В., Абдильдина Р. Ж. Методические рекомендации по разработке силлабусов. – Астана: ЕНУ им. Л.Н. Гумилева, 2003, –30 с.
8. Пидкасистый, П.И. Самостоятельная познавательная деятельность в обучении. – М.: Педагогика, 1980. – 240 с.


**REFERENCES:**


1. Esipov B.P. Students` self-sufficient work in the classroom. - M.: Uchpedgiz, 1961. - 239 p.
2. Garunov M.G. Improvement of students' extracurricular self-sufficient work is an important condition aimed at effective training of specialists. - Tyumen, 1981. - 53 p.
3. Komarova T.S. Methods of teaching. - Moscow: Proclamation, 2014. - 160 p.
4. Kulagina I.Yu. Adult psychology. - M., 2012. - 192 p.
5. Likhachev B.T. Pedagogy. Course of lectures: Study guide for students of pedagogical educational institutions and listeners of IPK and FPK. - M.: Promety, Yurite, 2013. - 206 p.
6. Likhachev B.T. Pedagogy. Course of lectures: Study guide for students of pedagogical educational institutions and listeners of IPK and FPK. - M.: Promety, Yurite, 2013. - 206 p.
7. Pidkasisty P.I. Independent cognitive activity in learning. - M.: Pedagogy, 1980. - 240 p.
8. Nurmanbetova D.N., Nefedova LV, Abdildina R. Zh. Guidelines for the development of syllabuses. - Astana: ENU them. L.N. Gumilyov, 2003, –30 p.